Вазорати меҳнат,
муҳоҷират ва шуғли аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

МАРКАЗИ ЗАХИРАВИИ МУҲОҶИРОН
MIGRANT RESOURCE CENTRE

# Булғористон

## Роҳҳои қонунии муҳоҷират барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Моҳи марти соли 2022**

Funded by the European Union

Implemented by

IMPROVING MIGRATION MANAGEMENT IN THE SILK ROUTES

ICMPD
International Centre for Migration Policy Development

## МУНДАРИЧА


**Иттилооти умумӣ** ... 3

**1. Сафорати Булғористон** ... 5

**2. РАВОДИД ВА ХИДМАТРАСОНИҲОИ КОНСУЛӢ** ... 5

2.1. Қоидаҳои умумии вобаста ба раводид: ... 5

2.2. Раводиди дарозмуддат (навъи D) ... 6

2.3. Раводиди кӯтоҳмуддат (навъи C) ... 9

**4. Пардохти раводид** ... 10

**5. Маълумот ва захираҳои муфид барои онҳое, ки ба Булғористон меоянд** ... 11

## Иттилооти умумӣ

| Номи кишвар | Булғористон |
|---|---|
| **Пойтахт** | София |
| **Забони расмӣ** | Булғорӣ |
| **Миллатҳо** | Булғорҳо – 91% аҳолӣ, туркҳо – 8,4% ва арманиҳо – 0,17%. |
| **Мазҳаб** | Насронӣ |
| **Иқлим** | Маъмулан, зимистон дар Булғористон хеле сард буда, тобистон бошад гарм ё хеле тафсон мешавад. Фаслҳои баҳору тирамоҳ кӯтоҳ буда намнокии баланди ҳаво ба назар мерасад, ҳарчанд фарқиятҳои минтақавӣ вуҷуд доранд. |
| **Релеф** | Булғористон дорои мӯъҷизаҳои табиӣ мебошад. Соҳилҳои (пляж) Баҳри Сиёҳ яке аз соҳилҳои беҳтарин дар Аврупо ба ҳисоб меравaнд. Қаторкуҳҳои бузург қаламрави кишварро убур мекунанд, ки дар байни онҳо водиҳои ҳосилхез тӯл кашидаанд. Дар вақти хуб интихобшуда (охири моҳи апрел) шумо метавонед рӯзе лижаронӣ кунед ва рӯзи дигар дар соҳил офтоб гиред. |
| **Мавқеият** | Булғористон – давлате дар Аврупои Ҷанубу Шарқӣ ҷойгир мебошад, ки қисми шарқии нимҷазираи Балканро ишғол менамояд. Онро баҳри Сиёҳ иҳота карда аз ҷануб бо Туркия ва Юнон, аз ғарб бо Македония ва аз шимол бо Руминия ҳамсарҳад аст. |
| **Асъор** | Лев ва Евро |

Ҷумҳурии Булғористон дар ҷанубу шарқи Аврупо, дар қисми шарқии нимҷазираи хушманзари Балкан, ҷойгир аст. Кишвар бо 5 давлат ҳамсарҳад аст: аз ҷануб – бо Юнон ва Туркия, аз ғарб – бо Сербия ва Черногория, аз ҷанубу ғарб – бо Македония, аз шимол – бо Руминия ва аз шарқ Булғористонро обҳои Баҳри Сиёҳ иҳота кардаанд. Сарфи назар аз масоҳати хурд доштанаш танҳо 110 550 $км^2$ ки аз масоҳати Исландия каме калонтар аст, кишвар дорои манзараи ҳайратангези гуногун мебошад.




Пойтахти Булғористон ва калонтарин шаҳри он — Софияи қадим — дар доманаи куҳҳои Витоша ва Люлин ҷойгир шудааст.

Булғористон ба 28 вилоят ва 264 минтақа тақсим шудааст, ки ҳар кадоми он ба таври худ беназир буда, дорои анъанаҳои миллии қадимӣ мебошад.
Булғористон 1 январи соли 2007 узви Иттиҳодияи Аврупо гардид.

Иқлим, монанди табиати Булғористон, гуногуншакл аст. Шароити иклимии хар минтақа хусусияти манзарава муҳити зисти онро муайян мекунад. Ҳамин тавр, дар фасли зимистон иқлими континенталӣ бо ҳарорати паст ва барфи фаровон ва дар фасли тобистон – иқлими баҳри Миёназаминӣ ҳукмфармо аст, ки дар тӯли фасли тобистон обу ҳавои гарм ва беборонро таъмин мекунад.

## 1. Сафорати Булғористон

Дар ҳоли ҳозир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сафорати Булғористон вуҷуд надорад. Намояндагии дипломатӣ ва консулгарии Булғористон дар Тоҷикистонро Сафорати Булғористон дар Қазоқистон ба уҳда дорад.

Сафорати Булғористон дар шаҳри Нур-Султон ҳамаи вазифаҳои намояндагии Булғористон дар Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро мекунад. Кормандони Сафорат метавонанд ба ҳамаи шаҳрвандони ин кишварҳо, ки мехоҳанд дар бораи Булғористон маълумоти бештар дарёфт намоянд, кумак мерасонанд. Ҳамчунин, Сафорат аз рӯи вазифаҳои худ манфиатҳои миллии Булғористон ва шаҳрвандони онро мутобиқи ҳуқуқи байналмилалӣ ва қонунгузории Булғористон тақвият ва ҳимоя мекунад.

| **Маълумот барои тамос бо Сафорати Ҷумҳурии Булғористон дар Ҷумҳурии Қазоқистон** | |
|---|---|
| **Нишона:** | Шаҳри Нур-Султон, кӯчаи Иманова, 11, маркази тиҷоратии «Нурсаулет-1», ошёнаи 5<br>Соатҳои корӣ /душанбе-ҷумъа/: 09:00 –17:30 |
| Мудирият: | Тел.: +7 (7172) 90-15-15<br>Факс: +7 (7172) 90-18-19 |
| Шуъбаи раводид | |
| Телефон барои кумаки таъҷилӣ берун аз хадамот Шумораи телефони фаврӣ | +7 701 371 07 64; +7 701 313 25 67 |
| Почтаи электронӣ | astanabulemb@mail.bg; embassy.nursultan@mfa.bg; consulate.nursultan@mfa.bg |
| Сайт | https://mfa.bg/ru/embassies/kazakhstan |

## 2. РАВОДИД ВА ХИДМАТРАСОНИҲОИ КОНСУЛӢ

### 2.1. Қоидаҳои умумии вобаста ба раводид:

- Шумо метавонед барои гирифтани раводид, дар муҳлати на камтар аз 90 рӯз то оғози сафар аризаи худро пешкаш намоед;
- Муҳлати эътибори шиноснома набояд камтар аз 18 моҳ пас аз анҷоми сафари пешбинишуда тамом шавад;
- Агар кӯдаки ноболиғ ба қаламрави Булғористон ворид ва аз он хориҷ шавад, ҳатман ҳуҷҷатҳои заруриро барои сафар бо кӯдакони ноболиғ замима кунед, ки дар сайт/сомонаи интернетӣ нишон дода шудаанд;
- Ҳуҷҷатҳои аслӣ пас аз санҷиш ба аризадиҳанда баргардонида мешаванд;
- Аризадиҳанда бояд нусхаи ҳамаи ҳуҷҷатҳои аслӣ/нусхаҳои тасдиқшударо дошта бошад;
- Ҳуҷҷатҳои ба забони қазоқӣ/русӣ таҳияшуда бояд ба забони булғорӣ тарҷума карда шаванд;
- Муҳлати баррасии ариза ва додани раводид дар сурати қабул кардани қарори мусбат 35 рӯзи тақвимӣ аз санаи пешниҳоди ариза мебошад;
- Аризаҳо аз руи тартиби қабули онҳо баррасӣ карда мешаванд (баррасии экспресс пешниҳод карда намешавад);

- Вақти пешниҳоди ҳуҷҷатҳои сафарро бодиққат ба нақша гиред – пешниҳод намудани ариза барои гирифтани раводид пеш аз сафар кормандони хадамоти консулиро барои аз рӯи афзалият баррасӣ намудани ариза вазифадор намекунад ;
- Боҷи консулӣ ҳангоми пешниҳоди ариза барои гирифтани раводид пардохт карда мешавад;
- Даъватномаи тарафи Булғорифтонӣ фақат як маротиба истифода бурда мешавад;
- Аз лаҳзаи супоридани радди хаттӣ аризадиҳанда ҳуқуқ дорад ҳуҷҷатҳоро фавран, вале бо маҷмӯи нави ҳуҷҷатҳо дубора пешниҳод намояд;
- Полиси суғуртаи (ҳатмии) тиббӣ дар кишвари истиқомати аризадиҳанда дода мешавад. Дар ҳолатҳои истисноӣ, вақте ки ин имконнопазир аст, полиси суғурта дар кишвари дигар дода мешавад;
- Раводидҳо тамдид карда намешаванд.

## 2.2. Раводиди дарозмуддат (навъи D)1

Ҳангоми ҷамъоварии ҳуҷҷатҳо барои раводиди навъи D, муроҷиаткунандагон метавонанд қоидаҳои умумии зеринро (баъзе ҳолатҳо истисноӣ буда метавонанд) нисбати ҳуҷҷатҳои зарурӣ роҳнамоӣ кунанд:

| Ҳуҷҷати зарурӣ | Амали зарурӣ | Шарҳу қайдҳо |
|---|---|---|
| **Саволнома** | **Ариза (саволнома) барои раводиди Булғористон (1 дона),** ба таври хондашаванда пур кардашуда ва аз ҷониби сафаркунанда шахсан имзошуда (барои ноболиғон, маълумоти умумиро аз вебсайти сафорат дарёфт намоед) | Суҳбат бо аризадиҳанда ва/ё намояндаи қонунии ӯ (барои ноболиғон) гузаронида мешавад. Дар қонунгузории Булғористон истиснои ин қоида пешбинӣ нашудааст. |
| **Сурат** | **Сурати ранга (1 дона)** - чеҳраи пур, дар заминаи равшан, андозаи 3,5 x 4,5 см, бе кунҷакҳо ва байзачаҳо. Чеҳра бояд 70-80% суратро ишғол кунад. | Суратҳои дорои эффекти сурхи чашм, айнаки ранга, суратҳои худ орододашуда ё аз суратҳои алоҳида бурида гирифташуда ҚАБУЛ НАМЕШАВАД; |
| **Шиносномаи хориҷӣ** | дар давоми 10 соли охир дода шуда, мӯҳлати амали на камтар аз 18 моҳ аз рӯзи пешниҳоди ҳуҷҷатҳо, ки дорои на камтар аз ду саҳифаи холӣ, ва нусхаи саҳифаи аввали шиноснома (саҳифа бо сурат ва маълумоти шахсӣ), инчунин нусхаи ҳамаи саҳифаҳои истифодашуда (бо раводид ва мӯҳр); | |
| **Ҳуҷҷатҳое, ки мақсади сафарро тасдиқ мекунанд (нусха/ксерокопия)** | Масалан: шартномаи меҳнатӣ; Шаҳодатнома аз Хадамоти муҳоҷирати Булғористон дар бораи иҷозат барои пайвастани оилаи шаҳрванди хориҷӣ ва ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи мавҷудияти хешутаборӣ; нусхаи бақайдгирии | |

[1] Иттилооти нав оиди раводид - https://mfa.bg/ru/embassies/kazakhstan/3351

| | | |
|---|---|---|
| | намояндагии тиҷоратӣ дар Палатаи савдо ва саноати Булғористон (ПССБ) ва БУЛСТАТ; шаҳодатномае, ки аз ҷониби ПССБ на дертар аз як моҳ пеш аз пешниҳоди он дода шудааст; шаҳодатномае, ки аз ҷониби хадамоти назорати маъмурӣ барои хориҷиён дар бораи иҷозати иқомат барои шахсоне, ки дар Булғористон иқомат доранд; ҳуҷҷатҳои аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор додашуда, ки мутахассис будани ин шахс ва дар асоси шартномаи байналмилалии будубош дар кишварро тасдиқ мекунанд; маълумотнома аз муассисаи тиббӣ, ки ба таври зарурӣ тартиб дода шудааст, бо нишон додани нақшаи муолиҷа ва барқароркунӣ (ҳатман аз ҷониби Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Булғористон тасдиқкардашуда); иқтибос аз шӯъбаи ноҳияи Фонди нафақаи Қазоқистон дар бораи нафақае, ки дар давоми 6 моҳи охир гирифта шудааст ва ҳуҷҷат аз ягон бонки Булғористон, ки тасдиқ мекунад, ки шахс дар ин бонк суратҳисоби фаъолдорад ва тавассути он интиқоли дахлдори нафақа ва ғайра анҷом дода мешавад, гирифта шавад. | |
| **Маълумотнома аз ҷои кор** | (нусха) дар варақаи расмӣ дорои мӯҳр бо нишон додани суроға, рақами телефони корӣ, вазифа ва музди меҳнати аризадиҳанда. Барои нафақахурон — нусхаи шаҳодатномаи нафақа; Барои мактаббачагон/донишҷӯён — маълумотнома аз ҷои таҳсил. **Барои соҳибкорони инфиродӣ:** нусхаи шаҳодатномаи бақайдгирии СИ ва рақами бақайдгирии андозсупоранда. | |
| **Далелҳои таъмини молиявӣ дар давоми будубош дар Булғористон** | Далелҳо дар бораи воситаҳои устувор, мунтазам, пешбинишаванда ва кофии будубош бидуни муроҷиат ба системаи кӯмаки иҷтимоӣ ба андозаи на камтар аз музди ҳадди ақали меҳнат, стипендия ё нафақаи ҳадди ақал дар кишвар дар давраи иқомат | |

| | | |
|---|---|---|
| | дар қаламрави Ҷумҳурии Булғористон. Ҳангоми пешниҳоди шартномаи меҳнатӣ/шаҳодатномаи нафақа, пешниҳоди ҳуҷҷатҳо оид ба таъмини молиявӣ шарт нест. | |
| **Далел дар бораи таъмин будан бо ҷои зист дар давоми будубош дар Булғористон** | • Ҳуҷҷат аз корфармо дар бораи додани манзил бо суроғаи дақиқ/аслӣ.<br>• Шартномаи иҷораи манзил, ки дар он имзои соҳибмулк ва иҷорагиранда аз тарафи нотариус тасдиқ карда шудааст (нусха), инчунин эъломияи соҳиби манзил мувофиқи банди 1, қисми 20, зерқисми 2 Муқаррароти иловагии Қонун дар бораи шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Булғористон (ЗЧРБ). Эъломия аз тарафи нотариуси Булғористон хангоми дар Булғористон будани соҳиби хона ва ҳангоми дар хориҷа будани соҳиби хона — консули Булғористон тасдиқ карда мешавад.. | |
| **Полиси суғуртаи ҳатмии тиббии дар қаламрави Ҷумҳурим Булғористон эътибордошта** | Бояд тамоми хароҷоти расонидани ёрии таъҷилии тиббӣ, бистарӣ кардан дар ҳолати фавқулодда, ба ватан баргаштан бо сабабҳои тиббӣ ва маргро пӯшонад. Дар сурати ба кор қабул шудан, полиси суғурта бояд барои тамоми давраи будубош дар мамлакат, ва дар мавридҳои дигар, барои давраи будубош дар Булғористон, дода шавад. Маблағи полиси суғурта бояд на камтар аз 30 000 Евро бошад (нусха). Полиси суғуртаи ҳатмии тиббӣ дар кишвари истиқомати аризадиҳанда дода мешавад. Дар ҳолатҳои истисноӣ, ки ин имконнопазир аст, полиси суғурта дар кишвари дигар дода мешавад. | |
| **Маълумотнома оиди надоштани доғи судӣ бо мӯҳр (нусха)** | Барои шаҳрвандони хориҷӣ, ки дар Қазоқистон зиндагӣ мекунанд, аз ҷумла маълумотнома оиди надоштани доғи судӣ (нусха), ки аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори давлате, ки аризадиҳанда субъекти он мебошад, дода шудааст. | |

Барои тезонидани раванди дархост, лутфан ҳуҷҷатҳоро пешакӣ бо тартиби зерин омода намоед:

1. Шиносномаи хориҷӣ.
2. Саволномаи хонапурӣ шуда ҳамроҳ бо сурати часпонидашуда.
3. Нусхаи саҳифаҳои асосӣ ва дигар саҳифаҳои шиносномаи хориҷӣ.
4. Ҳуҷҷатҳо барои ноболиғон.
5. Ҳуҷҷатхое, ки мақсади сафарро тасдиқ мекунанд.
6. Маълумотнома аз ҷои кор / таҳсил / шаҳодатномаи нафақа / соҳибкори инфиродӣ.
7. Ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи мавҷудияти маблағи кофӣ.
8. Полиси суғуртаи ҳатмии тиббӣ.
9. Ҳуҷҷатҳо барои сафар/нақлиёт.
10. Ҳуҷҷатҳои иловагӣ (маълумотнома оиди надоштани доғи судӣ, эъломияҳо ва ғайра).

### 2.3. Раводиди кӯтоҳмуддат (навъи С)

**Раводид будубоши кӯтоҳмуддат - навъи "С"[2]**

Раводиди кӯтоҳмуддат ба шаҳрвандони хориҷие дода мешавад, ки як , ду ё якчанд маротиба ба Булғористон бо мақсади будубоши муваққатии банақшагирифташуда бо давомнокии ҳадди аксар, ки на зиёдтар аз 90 рӯз дар давоми ҳар як давраи 180 рӯза, бо назардошти санаи қабули бори аввал ба ҳудуди Ҷумҳурим Булғористон. Раводиди будубоши кӯтоҳмуддат метавонад барои вориди яккарата, дукарата ё бисёркарата дода шавад.

| Ҳуҷҷати зарурӣ | Амали зарурӣ | Шарҳҳо ва қайдҳо |
|---|---|---|
| **Саволнома** | **Саволнома (Ариза) барои раводиди Булғористон (1 дона)**, ба таври хондашаванда пур карда шудааст ва аз ҷониби сафаркунанда шахсан имзо карда шудааст (барои ноболиғон, маълумоти умумиро аз сомонаи интернетии сафорат дарёфт намоед) | Суҳбат бо аризадиҳанда ва/ё намояндаи қонунии ӯ (барои ноболиғон) гузаронида мешавад. Дар қонунгузории Булғористон истиснои ин қоида пешбинӣ нашудааст. |
| **Сурат** | **Сурати ранга (1 дона)** - чеҳраи пурра, дар заминаи равшан, андозаи 3,5 x 4,5 см, бе кунҷакҳо ва байзачаҳо. Чеҳра бояд 70-80% суратро ишғол кунад. | Суратҳои дорои эффекти сурхи чашм, айнаки ранга, суратҳои худ орододашуда ё аз суратҳои алоҳида бурида гирифташуда ҚАБУЛ КАРДА НАМЕШАВАД; |
| **Шиносномаи хориҷӣ** | Дар давоми 10 соли охир дода шуда, мӯҳлати эътиборашон на камтар аз 18 моҳ аз рӯзи пешниҳоди ҳуҷҷатҳо, ки дорои на камтар аз ду саҳифаи холӣ, ва нусхаи саҳифаи аввали шиноснома (саҳифа бо сурат ва маълумоти шахсӣ), инчунин нусхаи ҳамаи саҳифаҳои | |

[2] Иттилооти нав оиди раводид - https://mfa.bg/ru/embassies/kazakhstan/3353

| | | |
|---|---|---|
| | истифодашуда (бо раводид ва мӯҳр); | |
| **Ҳуҷҷатхое, ки мақсади сафарро тасдиқ мекунанд** | | |
| **Маълумотнома аз ҷои кор/таҳсил ва ғайра** | | |
| **Ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи мавҷудияти маблағҳои кофӣ** | | |
| **Полиси суғуртаи тиббӣ** | | |

**Асосҳои маъмултарин барои дархост барои раводиди навъи C инҳоянд:**

- Сайёҳии муташаккил
- Сайёҳии ғайримуташаккил
- Сайёҳии ғайримуташаккил (бо мувофиқаи пешакӣ)
- Боздиди шахсӣ (эъломияи Покана)
- Соҳибмулкон ва шахсони даъватшуда
- Соҳибони тиҷорат
- Сафари хидматӣ (расмӣ).
- Фаъолиятҳои фарҳангӣ, варзишӣ, илмӣ ё маърифатӣ
- Шуғли кӯтоҳмуддат
- Сафари корӣ
- Табобат
- Ҳолатҳои башардӯстона
- Транзит
- Ронандагон (нақлиёти байналмилалӣ)

## 4. Пардохти раводид

Хадамоти консулгарии Сафорати Ҷумҳурии Булғористон дар шаҳри Нур-Султон пардохти раводидро танҳо бо Евро қабул мекунад.

Пардохт ҳангоми дархост барои раводид бо пули накд, инчунин ғайринақдӣ - танҳо тариқи?/барои VFS Global-и Қазоқистон сурат мегирад.

| Пардохти раводид (муқаррароти умумӣ) | евро |
|---|---|
| 1. Раводиди навъи “C” | 60 |
| 2. Раводиди навъи “C” барои кӯдакони аз 6 то 12 сола | 35 |
| 3. Раводид барои шаҳрвандони Федератсияи Русия | 35 |
| 4. Раводиди навъи “D” дар асоси моддаи 15, банди 1 Қонун дар бораи шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Булғористон | 100 |
| 5. Раводиди навъи “D” дар асоси моддаи 15, банди 2 Қонун дар бораи шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Булғористон | 200 |

**Категорияҳои зерини шаҳрвандон аз пардохти ҳаққи раводид озод карда мешаванд (нисбат ба раводиди навъи “C”):**

1. Кӯдакони то синни шашсола.

2. Аъзоёни оилаи шаҳрвандони Булғористон ва шаҳрвандони кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо.
3. Мактаббачагон, донишҷӯён, аспирантҳо ва муаллимони ҳамроҳ, ки ба Булғористон бо мақсади гирифтани омӯзиш/таҷрибаомӯзӣ ворид мешаванд.
4. Олимоне, ки барои гузаронидани тадқиқоти илмӣ сафар мекунанд.
5. Намояндагони ташкилотҳои ғайритиҷоратии то синни 25-сола, ки дар семинарҳо, конференсияҳо, чорабиниҳои варзишӣ, фарҳангӣ ва маърифатие, ки аз тарафи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ (тибқи тартиби муқарраргардида) ташкил карда мешаванд, иштирок мекунанд.

## 5. Маълумот ва захираҳои муфид барои онҳое, ки ба Булғористон меоянд

Аз шаҳрвандони дигар давлатҳо (давлатҳои берун аз Иттиҳоди Аврупо/ Минтақаи иқтисодии Аврупо (МИА)), ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба ин давлатҳо дохил мешавад, раводиди вуруд талаб карда мешавад. Барои гирифтани маълумоти боэътимод дар бораи раводиди Булғористон, шумо метавонед ин ҳуҷҷатро истифода баред ё ба таври иловагӣ ба вебсайти расмии Вазорати корҳои хориҷии Булғористон - бахши раводид ё ба саҳифаи расмии Сафорати Булғористон дар Қазоқистон (embassy.nursultan@mfa.bg) ташриф оред, ки Ҷумҳурии Тоҷикистонро намояндагӣ мекунад.

**Қоидаҳои назорати гумрукӣ**

Ҳангоми ворид шудан ба қаламрави кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо, воридот ва содироти маблағ аз Булғористон ба маблағи зиёда аз 10 ҳазор евро (ё маблағи мубодилаи он бо лев ё асъори дигар) бояд ҳатман дар эъломия дарҷ гардад.

Ба мусофирони аз сини 17-сола боло, ки аз кишварҳои берун аз минтақаи гумрукии Иттиҳоди Аврупо меоянд, иҷозат дода мешавад, ки бидуни боҷ то 200 сигор ё 100 сигарелла (вазни ҳар яки онҳо на бештар аз 3 г) ё 50 сигара ва ё 250 грамм тамоку ворид карда шавад; то 1 литр машруботи спиртӣ (таркиби спиртӣ зиёда аз 22%) ё то 2 литр шароб (таркиби спирти камтар аз 22 фоиз), шароби ширин ё газдор — то 2 литр, ё шароби ошӣ — то 2 литр; на бештар аз 500 г қаҳва ё 200 г қиёми қаҳва; то 100 г чой ё 40 г қиёми чой; то 50 г атр ва 250 мл атри сабук; инчунин молҳои истифодаи шахсӣ ба маблаги 175 евро ба хар як воридшаванда.

**Дар сурати ҳолатҳои фавқулодда**

Агар шумо ба кормандони полис (милитсия) муроҷиат кунед - ягон ҳуҷҷатро имзо накунед, ҳузури намояндаи сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистонро талаб кунед ва ҳама гуфтушунидҳоро танҳо бо иштироки он шахс анҷом диҳед.

Дар сурати гум шудани шиносномаи хориҷӣ, ба пулис муроҷиат намуда дар бораи ин ҳодиса хабар додан лозим аст, ки то дар ин маврид протокол тартиб дода шавад. Як нусхаи протокол ба шумо, барои гирифтани “Шаҳодатномаи бозгашт” - ҳуҷҷате, ки шиносномаро иваз мекунад, дода мешавад.

**Солимӣ**

Оби қубурӣ (водопровод) нанушед. Оби қубурӣ тоза аст, аммо аз ҷиҳати таркиб барои аврупоиҳо ғайриоддӣ мебошад. Танҳо оби ошомидании шишагинро истифода баред, ки онро дар барҳои меҳмонхона ё аз мағозаҳои шаҳр харидан мумкин аст. Мева ва сабзавоти

харидашударо бодиққат шӯед. Баръакси дигар кишварҳои ҷанубӣ, дар Булғористон меваю сабзавотро бо истифода аз оби қубурӣ шустан имконпазир аст.

**Хизматрасонии тиббӣ**

Хизматрасонии тиббӣ дар Булғористон, ба истиснои ёрии аввалин, пулакӣ аст. Ҳама муассисаҳои тиббӣ хусусӣ мебошанд. Аммо сифати хизматрасонии тиббиро давлат назорат мекунад. Нарху навои доруворӣ ва табобат муқаррар карда шудааст. Нархи хизматрасонии тиббӣ дар Булғористон паст буда, сифати хизматрасонӣ дар сатҳи аврупоӣ мебошад. Дар сурати ба миён омадани вазъияти ба ҳаёт таҳдидкунанда, ба ёрии таъҷилӣ бо рақами 112 занг занед, ки он дар навбати худ ройгон аст. Шумо метавонед таксиро занг занед ва худатон ба беморхонаи ёрии таъҷилии “Спесшен Центр” ҳозир шавед. Кӯмак дар он низ ройгон расонида мешавад.

**Нақлиёт**

Ҳаракат дар роҳ аз тарафи  рост аст. Дар шаҳрҳо суръати ҳаракат  то 50 км/соат маҳдуд карда шудааст. Шоҳроҳҳо дар Булғористон, махсусан дар деҳот аз ҷиҳати сифат хуб нестанд: нишонаҳои роҳ ва, баъзан, ҳатто аломатҳои роҳ мавчуд нестанд, корҳо дар роҳ на хамеша дуруст маҳдуд карда мешаванд. Дар байни шаҳрхои калони Булғористон автобусу қаторaҳои муосир, дар шаҳракҳо микроавтобусҳо ҳаракат мекунанд. Шаҳри София дорои трамвай ва метро мебошад. Дар Булғористон чиптаҳои нақлиётиро дар истгоҳҳо, аз дӯконҳои рузномафурушӣ ва аз ронандагон дастрас ва харидан мумкин аст.

Таксиҳои Булғористон ранги зард дошта шашкаҳои/нишонаҳои анъанавӣ доранд ва барои сафарҳои наздишаҳрӣ хеле қулай мебошанд. Дар тирезаи бар бояд нархнома бо нархҳо ҷойгир карда шуда бошад ва дар аксари таксиҳо шумо метавонед аз ронанда расид/квитансияро талаб кунед. Нархҳои рӯзона ва шабона татбиқ карда мешаванд.

**Телефонҳои муфид**

Телефонҳои ёрии таъҷилӣ:
Рақами фавқулоддаи ягонаи аврупоӣ - 112
Ёрии таъҷилӣ - 150
Шӯъбаи оташнишонӣ - 160
Полис - 166